Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Хизматрасонӣ**

Касб: **Занбӯриасалпарвар**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **SI 6123**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **32**

Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2,3**

Тафсир: **01/соли 2024**

Рамзи умумии касб: **SI 6123-32-2,3-01/2024**

САЛОҲИЯТ

ТРЕНИНГ

МАҲОРАТ

ДОНИШ

РУШД

МАЛАКА

ОМӮЗИШ

ТАҶРИБА

**Стандарти салоҳиятҳои мазкур дар доираи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.**

# Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

аз «15» 10 соли 2024 №11 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи стандартҳои салоҳияти 20 касбу ихтисосҳо

Мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб» Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Стандартҳои салоҳияти касбу ихтисосҳои «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», «Занбӯриасалпарвар», «Мошиначии автокран», «Дӯзанда (либоси занона)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», «Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чӯб», «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ)», «Челонгар-таъмирчии кузови автомобил», «Оператори мошини бофандагӣ», «Мошиначии булдозер», «Турагент», «Дуредгар», «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Харрот», «Оператори мошини ресандагӣ», «Мошиначии кранҳои истеҳсолоти металлургӣ», «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ», «Оператори мошини турбофӣ», «Оператори мошини рангкунӣ» ва «Челонгар - барқчии нерӯгоҳи барқии обӣ» тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» татбиқи стандартҳои салоҳиятро дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», корхонаҳои воҳиди давлатии назди Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Муасиссаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба роҳ монанд.

3. Раёсати котибот ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор карда шаванд, ки нусхаҳои электронии стандартҳои салоҳиятро дар сомонаҳои вазорат, агентӣ, лоиҳа ва муассисаҳои таълимӣ ҷой намоянд.

4. Нашр ва дастрас намудани стандартҳои салоҳият ба зиммаи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вогузор карда шавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир – Давлатзода Қ. гузошта шавад.

Раиси Ҳайати мушовара,
вазир Г. Ҳасанзода

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИ
# «ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАР»

Стандарти салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар» дар ҷаласаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.10.2024, №31 баррасӣ гардидааст.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар» аз ташхис (экспертиза)-и корфармоён ва ассотсиатсияҳои соҳавии зерин гузаронида шудааст:

| № | Ташкилот | Ному насаб | Вазифа | Ҳуҷҷат дар бораи ташхис |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Назарзода М. | Муовини вазир | Хулоса аз 07.05.2024, №4/10-1551 |
| 2. | Ассотсиатсияи милии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон | Акрамов А. | Раис | Хулоса аз 03.05.2024, №1/17 |
| 3. | Хоҷагии деҳқонии «Муҳаммадҷон»-Т н. Файзобод | Латипов Т. | Раис | Хулоса аз 25.05.2024, №14 |
| 4. | Хоҷагии деҳқонии «Муртазои Зайдулло» ш. Ваҳдат | Мирзоев З. | Роҳбар | Хулоса аз 03.05.2024, №3 |
| 5. | Хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷи Шариф» н. Файзобод | Қаҳҳоров Т. | Раис | Хулоса аз 24.05.2024, №25 |

Стандарти салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар»-ро таҳия намуданд:

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1. | Каримов Саидмумин | Сармутахассиси шуъбаи таълимӣ-методӣ | Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ – методӣ ва мониторинги сифати таълим» |
| 2. | Исоев Давлатшо | Омӯзгори фанҳои тахассусӣ ва устои таълими истеҳсолӣ | МДТ «Литсейи касбии техникии ноҳияи Файзобод» |
| 3. | Идиев Маҳмадназар | Занбӯриасалпарвар | КВДЗ-и «Асали Тоҷикистон» |

**Модераторҳо (миёнҷиҳо):**

Данило Анишенко – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

Бахтиёров Озар – супервайзер оид ба методологияи таълим дар асоси салоҳият.

**Мундарича**


Ихтисорот ........ 7
Муқаддима ........ 8
Мафҳумҳои асосӣ ........ 9
Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад ........ 11
Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа ........ 12
Тавзеҳоти умумии касби «Забӯриасалпарвар» ........ 13
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар» сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 17
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Занбӯриасалпарвар», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 17
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 19
Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ) ........ 32
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 37
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 76
Талабот ба довталабон ........ 78
Талабот ба омӯзгорон ........ 79
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 79
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар» сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 82
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Занбӯриасалпарвар», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 82
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 83
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 92
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 119
Талабот ба довталабон ........ 122
Талабот ба омӯзгорон ........ 123
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 123
Рӯйхати адабиёт ........ 125
Замимаи 1: Харитаи функсионалии касби «Занбӯриасалпарвар» ........ 126
Замимаи 2: Хулосаҳои соҳа (экспертиза) ........ 126

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ТАС** | Таълим дар асоси салоҳият |
| **ТИКТО** | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| **DACUM** | Усули таҳлили функсионалӣ (аз ихтисороти «**D**eveloping **ac**urricul**um**», яъне «таҳияи барномаҳои таълимӣ») |
| **ТМТ ҶТ** | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СС** | Стандарти салоҳиятҳо |
| **ВС** | Воҳиди салоҳият |
| **ЭС** | Элементи салоҳият |
| **МИ** | Меъёрҳои иҷро |
| **МБ** | Малакаҳои бокортаъминкунӣ |
| **СБТМ-08/ISCO-08** | Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо-2008 **(**International Standard Classification of Occupations-2008) |
| **ТМҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МТММСТ** | Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим |
| **МТКТ** | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон |
| **ТИК/ICT** | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (Information and communication technologies (ICT)) |
| **ҲМТБ** | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| **ТС** | Салоҳиятҳои фароумумӣ (Transversial Competencies) |
| **SB** | Салоҳиятҳои заминавии соҳаи хизматрасонӣ (Service basic) |
| **SI** | Салоҳиятҳои касбии соҳаи хизматрасонӣ (Service Industry) |

## Муқаддима

Талабот ба касби «Забӯриасалпарвар» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд аст.

Талаботи соҳа ба мутахассисони касбҳои соҳаи хизматрасонӣ аз ҷумла, забӯриасалпарвар зиёд шуда истодааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёркунии мутахассисони касбҳои коргарӣ, ки ба талаботи корфармоён мувофиқи меъёрҳои стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯй бошад, стандарти салоҳиятҳои касби «Забӯриасалпарвар» таҳия карда шудааст.

Стандарти мазкур талаботи асосиро ба салоҳияти касби мутахассиси «Забӯриасалпарвар» бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ муқаррар мекунад.

Дар таҳияи стандарти салоҳиятҳои мазкур «Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон», хоҷагии деҳқонии «Камолиддин»-и шаҳри Ҳисор, КВДЗ-и «Асали Тоҷикистон», хоҷагии деҳқонии «Муртазои Зайдулло»-и шаҳри Ваҳдат, хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷи Шариф» ва «Муҳаммадҷон-Т»-и ноҳияи Файзобод иштирок карданд.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Забӯриасалпарвар» дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи роҳандозӣ намудани фаъолияти таълимӣ барои амаликунии барномаи таълимӣ доранд, истифода карда мешавад.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар» дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб, Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо, Барномаи миёнамуҳлати омода кардани касбҳои коргарии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро барои солҳои 2023-2027 ва «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия карда шудааст.

Стандарти салоҳиятҳо талаботи тахассусиро нисбат ба касби «Забӯриасалпарвар», ки ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ мебошанд, дар мувофиқа бо Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо СБТМ-08 (ISCO-08) таъмин менамояд.

Стандарти салоҳиятҳои мазкур баробарии имкониятҳои касбиро барои духтарон/ҷавонписарон, занон/мардон пешбинӣ намуда, барои тағйир додани қолабҳо ҳангоми интихоби касб ва дар оянда бакортаъминкунии онҳо равона гардидааст.

## Мафҳумҳои асосӣ

**Бозори меҳнат** – низоми ташаккулёбии талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ.

**Баҳодиҳӣ** (салоҳиятҳо) – маҷмӯи усул ва равандҳо, ки барои баҳодиҳии дастовардҳои шахс (дониш, маҳорат, малака ва муносибати ӯ, яъне салоҳиятҳо), ки одатан бо шаҳодатномадиҳӣ анҷом меёбанд.

**Воҳидҳои салоҳияти фароумумӣ** (трансверсалӣ) **–** ин салоҳиятҳои умумӣ мебошанд, ки барои бештари касбҳо ва амалан барои ҳамаи соҳаҳо заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ)** – ин чунин салоҳиятҳое мебошанд, ки дар доираи муайяни ин ва ё он соҳа талабот доранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷро намудани фаъолияти касбии мушаххас заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои махсус** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷрои фаъолияти хоси касбӣ истифода карда мешаванд.

**Воҳиди салоҳият –** ин баёноти кӯтоҳи натиҷаи вазифаҳои салоҳият мебошад, ки маълумот дар бораи дониш, маҳорат, малака ва муносибатро дорад (дар бораи мақсадҳои воҳиди салоҳият ва доираи малакаҳое, ки ба онҳо таалluқ дорад, васеъ маълумот медиҳад).

**Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо –** барои гузаронидани баҳодиҳӣ маълумоти заруриро пешниҳод менамояд, усулҳои муносиб, захираҳои амиқ ва шароитро, ки барои гузаронидани баҳодиҳии воҳиди салоҳияти мушаххас заруранд, тавсиф менамояд. Номзад дар баҳодиҳӣ далелҳои мушаххасро пешниҳод менамояд, ки ба баҳодиҳандагон барои муайян кардан ва қабули қарор, ки оё салоҳияти муайян аз худ карда шудааст ва ё шахси мазкур корро дар ҷойи корӣ мувофиқи Стандарти салоҳиятҳои касбии тасдиқшуда иҷро карда метавонад, кӯмак мерасонад.

**Дескриптор** – (аз лотинӣ «descriptor» – тавсифкунанда) – воҳиди лексикӣ, ки барои шарҳ додани мазмуну моҳияти асосии ҳуҷҷат, истифода карда мешавад.

**Касб –** тарзи машғулият, намуди фаъолияти меҳнатие, ки тайёрии муайян, мавҷудияти донишҳои зарурӣ, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиро талаб менамояд ва дар натиҷаи омӯзиши махсус ё таҷриба ба даст оварда мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва имкон медиҳад, ки шахс натанҳо дар шароити муқаррарӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад.

**Малакаҳои бакортаъминкунӣ –** ин амалҳои бошууронаи мутахассис, ки ба мутобиқшавии бомуваффақият дар бозори меҳнат равона карда шудаанд. Маҳорати ташкил карда тавонистани донишу малакаҳои банақшагирӣ ва пешравии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳо барои пешравии бомуваффақият дар бозори меҳнат, дар ҳамаи бахшҳо ва зинаҳои шуғлро дар бар мегирад.

**Навсонӣ (вариативӣ)** муайян мекунад:

– аҳамияти истилоҳоти асосӣ, ки дар меъёрҳои иҷро истифода мешаванд;

– навсонӣ дар вазъияти корӣ ва ҳолатҳо, ки метавонанд ба фаъолият таъсир расонанд;

– фарқияти мазмунӣ дар вобастагӣ аз воҳидҳои салоҳият ва матни муайян (чун мизоҷони меҳмонхона аз мизоҷони барои таъмири кондитсионер фарқ мекунанд);

танҳо ба воҳиди салоҳияти мушаххас дахл доранд, на ба ҳамаи воҳидҳои салоҳиятҳо дар умум.

**Стандарт (standard)** – ҳуҷҷати меъёрӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор таҳия ва тасдиқ шудааст, дар он талаботи меъёрӣ, қоидаҳо, тавсифот ё принсипҳои умумие, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият ё натиҷаи онҳо дахл доранд, муайян карда мешаванд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат расидан ба сатҳи беҳтарини низоми соҳаи мазкур мебошад.

**Стандарти салоҳиятҳои касб –** ин ҳуҷҷатест, ки талаботи меъёрии ҳадди аққали дониш, маҳорат, малака ва муносибат (яъне салоҳиятҳо), ки барои сатҳи муайяни тахассуси касбӣ заруранд, муайян мекунад ва шахс онҳоро бояд дар ҷойи кор дар ҳолатҳои стандартӣ ё тағйирёбанда нишон диҳад. Ҳар як кор мумкин аст, аз стандарти муқаррааргардида баландтар иҷро карда шавад, дар ҳеҷ сурат на пасттар аз он. Стандарти салоҳият ба корфармо барои муайян намудани мутобиқатии сатҳи тахассуснокӣ ба талаботи истеҳсолот ёрӣ мерасонад ва маҳорати касбии намоишдодаи шахсро эътироф намуда, доимӣ нигоҳ доштани стандарти олии касбии ӯро тасдиқ менамояд.

**Сатҳи таснифоти тахассусҳо –** ин сатҳи нишондоди мураккабии кори иҷрошаванда, мустақилият ва масъулиятнокии коргар, мувофиқ ба ҳар як сатҳ мебошад. Гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигар маънии онро надорад, ки ҳамаи нишондодҳои сатҳи тахассусиро тавсифкунанда бояд фарқ кунанд: ҳар як сатҳи навбатӣ ба муносиби дараҷаи пешин мувофиқ кунонида мешавад ва воридкунии ниҳоии ҳамаи тавсифоти сатҳи пешинаро дар назар мегирад.

**СБТШ-08 (ISCO-08)** – Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо (International Standart Classification of Occupations) соли 2008 низоми таснифот ва ҷамъбасти маълумотро дар бораи шуғли касбӣ, ки дар асоси барӯйхатгирии оморӣ ва тадқиқот гирифта шудааст, ҳамчунин истифодабарии захираҳои маъмуриро ифода мекунад.

**Салоҳият –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат, малака ва муносибат барои иҷрои супориш ё ҳалли масъалаҳо дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳияти касбӣ –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои иҷрои вазифаҳои касбӣ дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ –** ин маҷмӯи дониш, малака, элементҳои таҷрибаи фарҳангӣ, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ озодона мавқеи худро муайян кунад, элементҳои онро истифода барад ва муносибати онро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ аз воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) ва малакаҳои бокортаъминкунӣ иборат мебошад.

**Салоҳиятнокӣ** – соҳиб будан ба дониш, малакаву маҳорат ва муносибат, ки барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян зарур аст.

**Таҳлили функсионалӣ** – ин тавсифи фаъолияти меҳнатӣ тавассути амалкард (функсия) ва натиҷаҳо мебошад. Бартарии чунин муносибат дар он аст, ки он имкон медиҳад тағйирот дар технология ва ташкили меҳнат дар бозори меҳнат фавран ба назар гирифта шавад.

**Талаботи бозори меҳнат** – эҳтиёҷоти корфармоён ба қувваи корӣ аз рӯи гурӯҳҳои мушаххаси касб ва намудҳои машғулият.

**Тахассус** (квалификатсия) – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Таснифоти миллии тахассусҳо (ТМТ)** – ҳуҷҷати меъёрие, ки чаҳорчӯбаҳоро муайян ва ҳамаи ихтисосҳои дар сатҳи миллӣ эътирофшударо идора менамояд. Таснифоти миллии тахассусҳо дорои чаҳорчӯбаҳое мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат буда, ҳар яки онҳо дар нишондиҳандаҳо (дискрипторҳо)-и салоҳиятҳо, ки алоқаҳои тахассусии байнибахширо дар бар мегиранд, тасвиф карда шуда, ҳамчунин додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи соҳиб шудан ба ихтисос дар он роҳандозӣ карда мешавад.

**Таълим дар асоси салоҳият** – муносибат ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш, ки ба чӣ тавр дар ҷойи кор шахс корро иҷро карда метавонад, такя мекунад.

**Харитаи функсионалии касб** – ин инъикоси амалкард (функсия)-ҳои асосӣ, ки касби мазкурро ташкил медиҳанд, вазифаҳои ба ин амалкард (функсия)-ҳо дохилгардида ва амалҳои воқеӣ барои иҷро намудани супориш ва ҳалли масъалаҳо дар ҷойи кор, дар шароитҳои тағйирёбанда равона карда шудаанд.

### Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани самаранокии амалиёти сохтори ТИКТО ҶТ, таъсиррасонии он ба болоравии иқтисодии давлат, яъне алоқа бо бозори меҳнат;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, ноҳия барои рушди минтақаи худ;

– дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

– омӯзгорон барои донистани он, ки чиро ба таълимгирандагон омӯзонанд;

– таълимгирандагон, барои донистани он, ки чӣ хел ва чиро меомӯзанд;

– маъмурияти муассисаҳои таълимӣ барои донистани он, ки оё сатҳи тайёрии омӯзгорон ва хатмкунандагон ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад ё не;

– корфармоён, ки стандартҳои салоҳиятҳоро барои такмили тахассуси касбии кормандон истифода мекунанд, то ин ки ба кормандон дар самти мутобиқшавӣ ба малакаву маҳорат ва донишҳои тағйирёбанда ва салоҳиятнокии онҳо бо сабаби дигаргуниҳои дар технологияи истеҳсолот бамиёномада тавсияҳо диҳанд;

– шаҳрвандони алоҳида, ки мехоҳанд маълумоти касбӣ гиранд ё сатҳи тахассусии касбии худро ба таври инфиродӣ такмил диҳанд;

– шаҳрвандоне, ки мустақилона таълим гирифтаанд ва мехоҳанд ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (сертификат ё шаҳодатнома) гиранд;

– оила, волидони таълимгирандагон, ки мехоҳанд фаҳманд, чиро ва чӣ хел фарзандони онҳо таълим мегиранд, пас аз хатми таълим онҳо ба чӣ кор машғул мешаванд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба ҷойи кории дигар гузаранд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд норасоиҳои худро дар дониш, малака, маҳорат ва муносибат, яъне салоҳиятҳои худ бартараф намоянд;

– шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкории худро васеъ кардан мехоҳанд;

– шаҳрвандоне, ки коргарони беҳтарин шудан мехоҳанд ва ғайра.

## Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа

Дар соҳаи хизматрасонӣ айни замон стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин қабул шудаанд ва амал мекунанд:

– СД (ГОСТ) Т 52001-2002 «Занбӯриасалпарварӣ. Истилоҳот ва муайянкунӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 52097-2003 «Маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ. Минераликунонии намунаҳо барои муайянкунии элементҳои заҳрогин»;

– СД (ГОСТ) Т 52098-2003 «Муми экраксионии занбӯри асал. Шартҳои техникӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 52099-2003 «Муми занбӯри асал. Усулҳои муайянкунии намнокӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 52317-2005 «Мумварақ. Шартҳои техникӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 52451-2005 «Асали якнабототӣ. Шартҳои техникӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 52680-2006 «Шири ҷабидашудаи (адсорбсия) занбӯр. Шартҳои техникӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 52834-2007 «Асали табиӣ. Усули муайянкунии гидрооксиметилфурфурол»;

– СД (ГОСТ) Т 52940-2008 «Асал. Усули муайянкунии зарраҳои гарди гул дар асал»;

– СД (ГОСТ) Т 53120-2008 «Асал. Усули муайянкунии барқгузаронандагӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 53121-2008 «Асал. Усули муайянкунии рангнокӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 53125-2008 «Асал. Усули муайянкунии фаъолнокии оптикӣ»;

– СД (ГОСТ) Т 53126-2008 «Асал. Усули муайянкунии об бо рефрактометр»;

– СД (ГОСТ) 19792-2001 «Асал. Усули муайян намудани адади диастазӣ».

## Тавзеҳоти умумии касби «Забӯриасалпарвар»

Забӯриасалпарвар корҳои асосӣ ва иловагиро оид ба нигоҳубини занбӯри асал ва аз онҳо гирифтани маҳсулотро бо истифодаи воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ иҷро мекунад, аз ҷумла, оилаҳои занбӯри асалро аз як ҷой ба мавзеи нав кӯчонида, дар ҷойҳои нав барои ҷамъоварии маҳсулот чораҳои профилактикиро анҷом медиҳад.

Ҳамзамон, тадбирҳои заруриро барои нигоҳубини оилаҳои занбӯри асал амалӣ месозад. Ба чорчӯбаҳо мумварақ васл мекунад. Маҳсулоти занбӯри асалро коркард намуда, ҳарорати лонаи занбӯронро муътадил нигоҳ медорад, кандуҳо ва асбобу анҷоми кориро тамйиз (дезинфексия) менамояд, чораҳои пешгирикунандаро ҷиҳати мубориза бо касалиҳои сироятӣ ва зарарасонҳо роҳандозӣ намуда, ҳолати беҳдошти санитарӣ-гигиениро дар занбӯрҷой риоя менамояд.

Дар баробари ин, забӯриасалпарвар назорат мебарад, ки ҳар як санҷиш ва назорат дар китоб қайд карда шавад ва фаъолияти минбаъда дар асоси он амалӣ карда шавад.

Таъмири ҷории кандуҳо, таҷҳизот ва болиштҳои гармкунандаро мегузаронад ва меъёрҳои раванди технологиро дар кандуҳои занбӯри асал риоя менамояд.

Забӯриасалпарвар бояд, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро риоя намояд, ҳангоми кӯчонидан нигоҳубини оилаҳои занбӯр ва истеҳсоли маҳсулот бехатарии зидди сӯхторро риоя намояд.

Барои аз худ намудани касби мазкур ва дар ин вазифа фаъолият кардан, занҳо ва мардон баробарҳуқуқ мебошанд.

## Рӯйхати
## умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар»

| Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|---|
| 2 | Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| | TC-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| | TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон |
| | TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| | TC 05-2/01 | Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| | SB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| | SB 02-2/01 | Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | SI 6123-01-2/01 | Омода намудани кандуҳо барои нигоҳдории оилаҳои занбӯри асал |
| | SI 6123-02-2/01 | Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа |
| | SI 6123-03-2/01 | Иҷро кардани корҳои баҳорӣ дар занбӯрҷой |
| | SI 6123-04-2/01 | Муайян кардани қувватнокии оилаҳои занбӯри асал, гармкунӣ ва хурдсозии лонаҳо |
| | SI 6123-05-2/01 | Омода намудани оилаҳо ба ҷамъоварии ҳосил |
| | SI 6123-06-2/01 | Ҷамъоварӣ намудани асал |
| | SI 6123-07-2/01 | Додани хӯроки батаҳрико떠варанда ба занбӯрон |
| | SI 6123-08-2/01 | Тақсим намудани модархонаҳо ва модарзанбӯрони ҷавон ба оилаҳо |
| | SI 6123-09-2/01 | Истифода бурдани оилаҳои хурди ҷудошуда |
| | SI 6123-10-2/01 | Истифода бурдани занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳои кишоварзӣ |
| | SI 6123-11-2/01 | Муайян намудани касалиҳои занбӯри асал ва усулҳои мубориза бо онҳо |
| | SI 6123-12-2/01 | Гузаронидани корҳои тозакунӣ ва барпечкунии маҳсулот |
| | SI 6123-13-2/01 | Супоридани маҳсулот ба озмоишгоҳ барои сертификаткунонӣ |
| | SI 6123-14-2/01 | Ҷалб намудани харидорон ҷиҳати фурӯши маҳсулот |
| 3 | Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| | TC 06-3/01 | Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ |
| | TC 07-3/01 | Такмил додани тахассуси касбӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |

| | | |
|---|---|---|
| | SI 6123-15-3/01 | Интихоб намудани мавзеи занбӯрҷой |
| | SI 6123-16-3/01 | Коркард намудани кандуҳо ва дигар асбобу лавозимоти занбӯриасалпарварӣ |
| | SI 6123-17-3/01 | Муайян намудани сифати модарзанбӯр |
| | SI 6123-18-3/01 | Гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ |
| | SI 6123-19-3/01 | Пешгирӣ намудани оилаҷудокунии табиӣ (рой) |
| | SI 6123-20-3/01 | Гузаронидани корҳои тирамоҳӣ ва омодагӣ ба мавсими зимистон |
| | SI 6123-21-3/01 | Муайян  кардани зотҳои сермаҳсули занбӯри асал |
| | SI 6123-22-3/01 | Баровардани модарзанбӯр бо роҳи сунъӣ |
| | SI 6123-23-3/01 | Ба роҳ мондани гарди гулкунӣ дар гармхонаҳо |
| | SI 6123-24-3/01 | Гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ-табобатӣ |

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Хизматрасонӣ**

Касб: **Занбӯриасалпарвар**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **SI 6123**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **20**

Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2**

Тафсир: **01/соли 2024**

САЛОҲИЯТ

ТРЕНИНГ

МАҲОРАТ

ДОНИШ

РУШД

МАЛАКА

ОМӮЗИШ

ТАҶРИБА

## Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Занбӯриасалпарвар» сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| TC-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон |
| TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| TC 05-2/01 | Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| SB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| SB 02-2/01 | Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| SI 6123-01-2/01 | Омода намудани кандуҳо барои нигоҳдории оилаҳои занбӯри асал |
| SI 6123-02-2/01 | Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа |
| SI 6123-03-2/01 | Иҷро кардани корҳои баҳорӣ дар занбӯрҷой |
| SI 6123-04-2/01 | Муайян кардани қувватнокии оилаҳои занбӯри асал, гармкунӣ ва хурдсозии лонаҳо |
| SI 6123-05-2/01 | Омода намудани оилаҳо ба ҷамъоварии ҳосил |
| SI 6123-06-2/01 | Ҷамъоварӣ намудани асал |
| SI 6123-07-2/01 | Додани хӯроки батаҳриковаранда ба занбӯрон |
| SI 6123-08-2/01 | Тақсим намудани модархонаҳо ва модарзанбӯрони ҷавон ба оилаҳо |
| SI 6123-09-2/01 | Истифода бурдани оилаҳои хурди ҷудошуда |
| SI 6123-10-2/01 | Истифода бурдани занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳои кишоварзӣ |
| SI 6123-11-2/01 | Муайян намудани касалиҳои занбӯри асал ва усулҳои мубориза бо онҳо |
| SI 6123-12-2/01 | Гузаронидани корҳои тозакунӣ ва барпечкунии маҳсулот |
| SI 6123-13-2/01 | Супоридани маҳсулот ба озмоишгоҳ барои сертификаткунонӣ |
| SI 6123-14-2/01 | Ҷалб намудани харидорон ҷиҳати фурӯши маҳсулот |

## Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Занбӯриасалпарвар», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бокортаъминкунӣ | Малакаҳое, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муошырате, ки ба самаранок ва мутаносиб будани муносибатҳоро байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | -шунидан ва дарк кардан;<br>-бурро ва кушоду равшан баён намудан;<br>-меҳрубон будан;<br>-суботкор будан;<br>-мубодилаи иттилоот кардан;<br>-бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | -дар дастаҳои синну соли гуногун, новобаста аз ҷинс, нажод ва мансубияти динӣ кор кардан;<br>-мустақилона ва ба сифати аъзои даста кор кардан;<br>-дақиқӣ;<br>-масъулнокӣ; |

| | |
|---|---|
| | -меҳнатдӯстӣ;<br>-сарфакорӣ;<br>-донистани Кодекси меҳнат. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | -зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ дар ошкор ва бартараф кардани мушкилот;<br>-дурандешӣ;<br>-бовиҷдонӣ;<br>-маҳорати расонидани ёрии аввалия. |
| Ташаббус ва уҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд | -мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои нав;<br>-муайян кардани имкониятҳои барои дигарон ғайричашмдошт;<br>-татбиқ кардани ғояҳо ба амал;<br>-иштирок дар раванди ташаккулёбии пайваста;<br>-омодагӣ ба навовар ҳо;<br>-зиракӣ. |
| Банақшагирӣ ва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | -мақсадгузории мушаххас ва натиҷаҳои кор;<br>-банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо, аз ҷумла идоракунии вақт;<br>-муайян ва ҷобаҷокунии афзалиятҳо;<br>-ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>-бодиққатӣ;<br>-муташаккилӣ;<br>-қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот/корхона. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | -мавҷудияти диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>-боварӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>-устувории ахлоқӣ;<br>-масъулиятнокӣ<br>-риояи одоб (этика)ва зебошиносӣ (эстетика). |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | -эътирофи зарурияти таълим бо назардошти тағйиротҳо;<br>-омода будан ба сарфи вақт ва саъю кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>-хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва бидуни он;<br>-самимият барои ғояҳо ва усулҳои нави идоракунии худомӯзӣ;<br>-дастгирии ҳамкорон ва барқарор кардани робитаҳо;<br>-истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан, омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣ ва фарҳангии кор) |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | -донистани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>-хоҳиши аз худ кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ;<br>-мавҷудияти тавоноии ҷисмонии мувофиқ. |

# Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Гузаштан аз муоинаи тиббӣ** | **ТС 01-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омодагӣ ва гузаштан аз муоинаи тиббиро бо мақсади таъмин намудани саломатӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, ошкор ва табобати саривақтии беморӣ ва пешгирӣ аз онро тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми ба кор қабул шудан;<br>- гузаштани муоинаи тиббии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ тибқи ҷадвали ташкилот. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- маҳорати баён кардани мақсади худ;<br>- маҳорати гӯш кардан ва шунидан;<br>- маҳорати таҳлили тавсияҳои хаттӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ.<br>1.2. Шиносоӣ бо ***намудҳои муоинаи тиббӣ*** тибқи ҷадвали тасдиқшуда. |
| 2. Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда.<br>2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ;<br>- гирифтани маълумот оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ;<br>- гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда;<br>- пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |
| Донишҳои талабшаванда: | - муқаррарот оид ба қонунгузории меҳнат;<br>- маълумотнома/ дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) ва вазифаи он;<br>- қоидаҳои гузаштан аз муоинаи тиббӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- боинтизом;<br>- бомасъул;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шиносоӣ бонамудҳои муоинаи тиббӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот | | | | | | | | | | | √ |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Намудҳои муоинаи тиббӣ:*** | - муқаддимавӣ;<br>- ҳатмӣ;<br>- даврӣ;<br>- ғайринавбатӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон** | **ТС 03-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур корҳои умумии мақсадноки даста, ки вазифаи умумиро бо қоидаҳои муқаррарнамудаи ташкилот ҳал мекунад, тавсиф менамояд. Коргарон дар комёбиҳои даста манфиати шахсӣ доранд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми кор дар коллективи ҳар ташкилот/корхона. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- вуҷуд надоранд. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ)-и ВС |
| 1. Муайян кардани мақсад | 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо |

| | |
|---|---|
| ва вазифаҳо | ҳамкорон.<br>1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда.<br>1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда. |
| 2. Кор кардан дар даста | 2.1.Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза.<br>2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дардаста.<br>2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста.<br>2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста. |
| 3. Риоя намудани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | 3.1. Муошират намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила.<br>3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ.<br>3.3. Истифода бурдани ***муошировати ғайришифоҳии*** мувофиқ.<br>3.4. Таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ.<br>3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан.<br>3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян.<br>3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муошират, алоқаманд ба шунидан (гӯшдиҳӣ);<br>- савол додан;<br>-муошироти хаттӣ, возеҳ ва кӯтоҳ навиштани паём, қайдҳо, мактубҳо;<br>- ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан;<br>- ошкор ва воқиф шудан ба вазъияти мунокишавӣ, шикоятҳо дар доираи масъулият;<br>- дар даста кор кардан;<br>- гӯш додан ва шунавидан;<br>- малакаҳои заминавии босаводона хондан;<br>- малакаҳои худидоракунӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон;<br>- бартариҳои кор дар даста;<br>- воситаҳои робитавӣ;<br>- принсипҳои кори даста;<br>- тавсифот, усул ва меъёрҳои истифодаи воситаҳои гуногуни муошират;<br>- намудҳои қабул ва қоидаҳои рафтор дар онҳо;<br>- мафҳуми этика ва ахлоқ;<br>- одоби сӯҳбат ва маданияти нутқ;<br>- симои зоҳирӣ;<br>- ҳусни рафтори расмӣ ва сиёсӣ;<br>- тарзи рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҷойи кор;<br>- одоби сӯҳбатҳои телефонӣ бо мизоҷон ва ҳамкорон;<br>- калима, ибора ва услуби сӯҳбати телефонӣ. |
| Муносибати талабшаванда | - ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан; |

| | |
|---|---|
| ба кор: | - ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан.<br>Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- меҳрубон;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2. Кор кардан дар даста | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дар даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |

| Элементи 3: Риоя намудани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.1. Муошират намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила | √ | | | | | | | | | | |
| 3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.3. Истифода бурдани муошırати ғайришифоҳии мувофиқ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.4. Изҳори таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан | √ | | | | | | | | | | |
| 3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян | √ | | | | | | | | | | |
| 3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ | √ | | | | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Фарқиятҳои фарҳангӣ –*** | - намудҳои саломдиҳӣ, хайрбод ва гуфтугӯ;<br>- забони имову ишораҳо;<br>- махсусияти услубҳои миллии муомилаи корӣ;<br>- махсусияти муносибати байнифарҳангӣ. |
| ***Муошırати ғайришифоҳӣ :*** | - забони имову ишора;<br>- риоя намудани фосилаи муайян байни шарикон. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Расонидани ёрии аввалия** | **ТС 04 – 2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур малака ва донишҳои заруриро барои расонидани ёрии аввалия ва нигаҳдории ҳаёт дар давраи то расонидани ёрии тиббӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми арзёбии ҳолатҳои рухдода, бартараф кардани таваккалҳои мушаххас, хавф ва захмҳои ба он алоқаманд. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03 – 1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Арзёбии ҳолати рухдода | 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон.<br>1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида. |

| | |
|---|---|
| | 1.3. Даъват намудани ёрии таъчилӣ.<br>1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан.<br>1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида.<br>1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан. |
| 2. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани чабрдида ва ғайра).<br>2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда.<br>2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида. |
| 3. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ.<br>3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат. |
| 4. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст.<br>4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст.<br>4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан. |
| 5. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | 5.1. Додани нафаси сунъӣ.<br>5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина. |
| 6. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | 6.1. Истифода бурдани усули Геймлих.<br>6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа. |
| 7. Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар.<br>7.2. Коркарди ҷойи сӯхта. |
| 8. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ.<br>8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ). |
| 9. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра.<br>9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ. |
| 10. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил.<br>10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб.<br>10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| 11. Иттилоъ додан ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ | 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида.<br>11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- муайян намудани хатарҳои барқӣ;<br>- бартараф намудани хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- истифода намудани дастурамалҳо оид ба истифодабарии асбобу таҷҳизоти барқӣ;<br>- арзёбии вазъият ва кам кардани хунравӣ;<br>- ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм ва арзёбии ҳолати ҷабрдида;<br>- даъват намудани ёрии таъҷилӣ;<br>- иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда; |

| | |
|---|---|
| | - оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан;<br>- истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида;<br>- бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан;<br>- истифода намудани тахтача/чӯбча барои мустаҳкам кардани шикаст;<br>- додани нафаси сунъӣ;<br>- масҳ кардани дил ва қафаси сина;<br>- хондан, фаҳмидани дастурамал ва истифода бурдани он;<br>- истифодаи воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- хатарҳои барқии ҳангоми кор рухдода;<br>- қоидаҳои бартарафкунии хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида;<br>- дастури Ҳилоли Аҳмар оид ба принсипҳои расонидани ёрии аввалия;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ ва нафасгиршавӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна ва осеб дидани сутунмухра;<br>- монеашавии роҳҳои нафасгирӣ/нафастангӣ;<br>- сӯхтан (ҳароратӣ, кимиёвӣ, барқӣ, соишхӯрӣ);<br>- қоида ва тартиби додани нафаси сунъӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- мушфиқ;<br>- раҳмдил. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Арзёбии ҳолати рухдода | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида | | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан | | | | | | | | | √ | | |
| 1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| 1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра) | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда | | | | | | | | | √ | | |
| 2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 3:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 4: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст | | | | | | | | | √ | | |
| 4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст | | | | | | | | | √ | | |
| 4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 5: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | | | | | | | | | | | |
| 5.1. Додани нафаси сунъӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 6: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | | | | | | | | | | | |
| 6.1. Истифода бурдани ***усули Геймлих*** | | | | | | | | | √ | | |
| 6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 7: Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | | | | | | | | | | | |
| 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар | | | | | | | | | √ | | |
| 7.2. Коркарди ҷойи сӯхта | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 8: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | | | | | | | | | | | |
| 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ) | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 9: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | | | | | | | | | | | |
| 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра | | | | | | | | | √ | | |
| 9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 10: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | | | | | | | | | | | |
| 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил | | | | | | | | | √ | | |
| 10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб | | | | | | | | | √ | | |
| 10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 11: Иттилоъ додан ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ | | | | | | | | | | | |
| 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда | | | | | | | | | √ | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Хатар –*** | - ҷисмонӣ;<br>- биологӣ;<br>- кимиёвӣ;<br>-марбут ба омили инсонӣ. |
| ***Оби намакдор*** - ин: | - маҳлуле, ки аз об ва намак бо фоизи 0,3-0,5 тайёр карда шудааст. |
| ***Хӯрокии занбӯри асал ва маводи зарурӣ:*** | - ба мавод: шакар, асал, гарди гул, шон, асбобҳои корӣ дохил мешаванд. |
| ***Мумварақ*** - ин: | - варақаҳои тунуки ба таври сунъӣ аз мум сохташуда, ки қолаби чашмакдори андозаҳояшон муайянро доранд. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Ҷамъоварӣ намудани асал** | **SI 6123-06-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди иҷрои корҳои омодагӣ ва ҷамъоварии асалро аз оилаҳои занбӯри асал бо назардошти риояи бехатарӣ ва ҳолати санитарӣ-гигиенӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми иҷрои корҳои асалкашӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 04-2/01 Расонидани ёрии аввалия;<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 6123-02-2/01 Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа;<br>- SI 6123-05-2/01 Омода намудани оилаҳо ба ҷамъоварии ҳосил. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Иҷро намудани корҳои омодагӣ барои ҷамъоварии асал | 1.1. Омода намудани ***асбобу таҷҳизоти зарурӣ.***<br>1.2. Омода намудани ***мизи полоиш.***<br>1.3. Муайян намудани миқдори асал дар шонҳо.<br>1.4. Интихоб намудани ҷой барои асалкашӣ.<br>1.5. Омода кардани ***хоначаи сайёр (домик)*** ё хайма. |
| 2. Ҷамъоварӣ намудани асал | 2.1. Дуд кардан ба оилаҳои занбӯри асал бо истифода аз дудкунак.<br>2.2. Гирифтани шонҳои асалдори пухтарасида аз канду дар кандуи сайёр.<br>2.3. Тайёр кардани мизи махсус барои буридани муми болои асал.<br>2.4. Буридани рӯйпӯши асал аз шонҳо.<br>2.5. Гузоштани шонҳои асалдор дар асалкашак (медагон).<br>2.6. Гирифтани асал дар банкаҳои шишагӣ ё дигар зарфҳо. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи бехатарӣ ҳангоми ҷамъоварии асал;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии асбобу таҷҳизоти асалкашӣ;<br>- муайян намудани миқдори асал барои ҷамъоварӣ;<br>- омода намудани ҷой барои асалкашӣ;<br>- муайян намудани ҳолати оромонаи занбӯрон дар канду;<br>- ҷобаҷокунии таҷҳизоти асалкашӣ;<br>- гирифтани шонҳои асалдори пухтарасида;<br>- буридани рӯйпӯши асал аз шонҳо;<br>- гузоштани шонҳои асалдор дар асалкашак;<br>- гирифтани асал дар зарфҳо бо риояи қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ; |

| | |
|---|---|
| | - чораҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо занбӯри асал, аз ҷумла истифодаи либоси муҳофизатӣ ва қоидаҳои рафтор ҳангоми ҳамла;<br>- қоидаҳои гирифтани шонҳои асалдори пухтарасида;<br>- тартиби санҷидани ҳолати коршоямии асбобу таҷҳизоти асалкашӣ;<br>- занбӯри асал ва рафтори онҳо;<br>- тартиби муайян намудани миқдори асал дар шонҳо;<br>- тарзи омода кардани хоначаи сайёр;<br>- тартиби ҷобаҷокунии таҷҳизоти асалкашӣ;<br>- қоидаҳо ва тартиби нигоҳдории асал;<br>- тарзи буридани рӯйпӯши асал аз шонҳо;<br>- тартиби гузоштани шонҳои асалдор дар асалкашак. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- самимият;<br>- бовиҷдон;<br>- меҳрубон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Иҷро намудани корҳои омодагӣ барои ҷамъоварии асал | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Омода намудани ***асбобу таҷҳизоти зарурӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Омода намудани ***мизи полоиш*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Муайян намудани миқдори асал дар шонҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Интихоб намудани ҷой барои асалкашӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.5. Омода кардани ***хоначаи сайёр (домик)*** ё хайма | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Ҷамъоварӣ намудани асал | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1. Дуд кардан ба оилаҳои занбӯри асал бо истифода аз дудкунак | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Гирифтани шонҳои асалдори пухтарасида аз канду дар кандуи сайёр | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Тайёр кардани мизи махсус барои буридани муми болои асал | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Буридани рӯйпӯши асал аз шонҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.5. Гузоштани шонҳои асалдор дар асалкашак (медагон) | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.6. Гирифтани асал дар банкаҳои шишагӣ ё дигар зарфҳо | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Асбобу таҷҳизоти асалкашӣ*** – инҳо: | - дуддиҳак;<br>- чутка;<br>- корди буғӣ ё барқӣ;<br>- исканаи занбӯрпарвар;<br>- асалкашак;<br>- мизи полоиш барои буридани рӯйпӯши асал;<br>- банкаҳои шишагӣ ё дигар зарф барои нигоҳ доштани асал. |
| ***Хоначаи сайёр (домик)*** – ин: | - хоначаи муваққатӣ барои зисти занбурпарвар. |
| ***Мизи полоиш*** – ин: | - барои буридани рӯйпӯши асал аз болои шони асалдор ва муваққатан гузоштани шонҳои буридашуда. |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Додани хӯроки батаҳриковаранда ба занбӯрон** | | **SI 6123-07-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди ба оилаҳои занбӯри асал додани хӯроки батаҳриоваранда, фоиданокии хӯрокро барои инкишофи минбаъдаи занбӯрон тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми додани хӯроки батаҳриковаранда ба оилаҳои занбӯри асал. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- TC 04-2/01 Расонидани ёрии аввалия;<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 6123-02-2/01 Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа;<br>- SI 6123-05-2/01 Омода намудани оилаҳо ба ҷамъоварии ҳосил. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Тайёр намудани хӯроки батаҳриковаранда | 1.1. Дастрас намудани хӯроки батаҳриковаранда.<br>1.2. Тайёр кандани ***хӯрокаи батаҳриковаранда.*** | |
| 2. Додани хӯроки | 2.1. Кушодани сарпӯши қуттӣ ва ***нимбардошт*** намудани ҷиҳози | |

| | |
|---|---|
| батаҳрикоранда ба оилаҳои занбӯри асал | гарминигоҳдоранда.<br>2.2. Гузоштани печондаҳои кулчаканд дар болои шонҳо ё қандоб/ охурчаҳо.<br>2.3. Пӯшидани сарпӯш ва ба ҳолати аввала баргардонидани ҷиҳози гарминигоҳдоранда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- муайян намудани хӯроки батаҳрикоранда;<br>- муайян намудани афзоиши тухмгузории модарзанбӯр;<br>- тайёр намудани оилаҳо барои шаҳдкашонӣ;<br>- тайёр кандани хӯрокаи батаҳрикоранда дар шакли қандоб ва кулчақанд;<br>- риоя намудани қоидаҳои гузоштани печондаҳои кулчақанд ва ё қандоб/охурчаҳо;<br>- истифода намудани либосҳои муҳофизатӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат, беҳдоштӣ ва техникаи бехатарӣ;<br>- усулҳои тайёр кандани хӯрокаи батаҳрикоранда дар шакли қандоб ва кулчақанд;<br>- тартиби кушодани сарпӯши қуттӣ ва ҷиҳози гарминигоҳдоранда;<br>- қоидаҳои гузоштани печондаҳои кулчақанд ва қандоб дар болои шонҳо;<br>- роҳҳои муайян намудани афзоиши тухмгузории модарзанбӯр;<br>- тартиби тайёр намудани оилаҳо барои шаҳдкашонӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Тайёр намудани хӯроки батаҳрикоранда | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Дастрас намудани хӯроки батаҳрикоранда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Тайёр кандани ***хӯрокаи батаҳрикоранда*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Додани хӯроки батаҳрикоранда ба оилаҳои занбӯри асал | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1. Кушодани сарпӯши куттӣ ва ***нимбардошт*** намудани ҷиҳози гарминигоҳдоранда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Гузоштани печондаҳои кулчақанд дар болои шонҳо ё қандоб/ охурчаҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Пӯшидани сарпӯш ва ба ҳолати аввала баргардонидани ҷиҳози гарминигоҳдоранда | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Хӯрокаи батаҳриковаранда*** – ин: | - асал, хокаи шакар, шир, нистаген, гарди гул (пыльца) ва доруҳои зарурӣ. Хӯрокаи батаҳриковаранда дар шакли кулчақанд, хӯркаи сафедадор буда, таркиби он чунин аст: 80-85% хокаи шакар, 25-30 % асал, гардғизо, шир ва дигар доруҳои зидди касалиҳои занбӯр. |
| ***Нимбардошт:*** | - ҳангоми додани хӯрок гармкунандаҳо қисман боло бартошта мешаванд. Дар ҳолати пурра бардоштан гармӣ аз канду хориҷ мешавад, ки ин боиси хавотирии занбӯрон мегардад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Тақсим намудани модархонаҳо ва модарзанбӯрони ҷавон ба оилаҳо** | **SI 6123-08-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди кор кардан бо оилаҳои тарбиятгар, тақсим намудани модархона ва модарзанбӯрони ҷавон ва ҷуфтшавии модарзанбӯронро бо назардошти риояи қоидаҳои занбӯриасалпарварӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми тақсим намудани модарзанбӯрони ҷавон ба оилаҳои занбӯри асал. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 6123-02-2/01 Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа;<br>- SI 6123-04-2/01 Муайян кардани қувватнокии оилаҳои занбӯри асал, гармкунӣ ва хурдсозии лонаҳо;<br>- SI 6123-05-2/01 Омода намудани оилаҳо ба ҷамъоварии ҳосил;<br>- SI 6123-06-2/01 Ҷамъоварӣ намудани асал. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Кор кардан бо оилаҳои тарбиятгар | 1.1. Тайёр намудани хонаи махсус барои шинондани ***кирминаҳо*** ба шони модарӣ.<br>1.2. Муайян намудани миқдори ***модархонаҳо*** дар оилаи тарбиятгар.<br>1.3. Соқит намудани модархонаҳои (маточник) корношоям.<br>1.4. Пӯшонидани муваққатии курпача ба болои шонҳои оилаи тарбиятгар.<br>1.5. Бардоштани чорчӯбаи модархонадор. |
| 2. Тақсим намудани | 2.1. Ҷойгир кардани оилаҳои хурди бемодар (24 соат пеш аз |

| | |
|---|---|
| модарзанбӯрон ба оилаҳои ҷавон ва бемодар | шинондани модарзанбӯр).<br>2.2. Ба ҳисоб гирифтани оилаҳои бемодар.<br>2.3. Тайёр намудани ҷой барои гузоштани қафасчаи модарзанбӯр.<br>2.4. Тақсим намудани модархонаҳо ба оилаҳои бемодар. |
| 3. Иҷро намудани корҳо барои ҷуфтшавии модарзанбӯрон | 3.1. Назорат намудани қабули модарзанбӯрон дар оилаҳои хурд ва бемодар.<br>3.2. Такроран гузоштани модархона ва ё модарзанбӯри ҷавон ба оилаҳои бемодар.<br>3.2. Санҷидани модарзанбӯрони ҷавон барои ҷуфтшавӣ.<br>3.4. Ба ҳисоб гирифтани модарзанбӯрони бордоргардида. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва беҳдошти истеҳсолӣ;<br>- тайёр намудани хонаи махсус барои шинондани кирминаҳо ба шони модарӣ;<br>- муайян намудани миқдори модархонаҳо дар оилаи тарбиятгар;<br>- гирифтани модархонаҳои (маточник) корношоям;<br>- пӯшонидани муваққатии курпача ба болои шонҳои оилаи тарбиятгар;<br>- бардоштани чорчӯбаи модархонадор;<br>- ба ҳисоб гирифтани оилаҳои бемодар;<br>- тайёр намудани ҷой барои гузаронидани қафасчаҳои модархонадор;<br>- тақсим намудани модархонаҳо ба оилаҳои бемодар;<br>- назорати қабули модарзанбӯрон дар оилаҳои хурд ва бемодар;<br>- такроран гузоштани модархона ва ё модарзанбӯри ҷавон ба оилаҳои бемодар;<br>- санҷиши модарзанбӯрони ҷавон барои ҷуфтшавӣ;<br>- ба ҳисоб гирифтани модарзанбӯрони бордоргардида. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- усулҳои тайёр намудани хонаи махсус барои шинондани кирминаҳо ба шони модарӣ;<br>- чораҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо занбӯри асал ва асбобҳо, қобилияти пешгирии нешзанӣ ва аксуламалҳои аллергӣ;<br>- тартиби муайян намудани миқдори модархонаҳо дар оилаи тарбиятгар;<br>- тағйирот дар фаъолияти занбӯри асал вобаста ба фасли сол ва шароити иқлимӣ;<br>- тартиби пӯшонидани муваққатии курпача ба болои шонҳои оилаи тарбиятгар;<br>- тарзи бардоштани чорчӯбаи модархонадор;<br>- қоидаҳои ҷойгир кардани оилаҳои хурди бемодар (24 соат пеш аз шинондани модарзанбӯр);<br>- тарзи ба ҳисоб гирифтани оилаҳои бемодар;<br>- роҳҳои тайёр намудани ҷой барои гузаронидани қафасчаҳои модархонадор;<br>- қоидаҳои тақсим намудани модархонаҳо ба оилаҳои бемодар.<br>- тартиби назорати қабули модарзанбӯрон дар оилаҳои хурд ва бемодар; |

| | |
|---|---|
| | - такроран гузоштани модархона ва ё модарзанбӯри ҷавон ба оилаҳои бемодар;<br>- тартиби санҷиши модарзанбӯрони ҷавон барои ҷуфтшавӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- самимият;<br>- бовиҷдон;<br>- меҳрубон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Кор кардан бо оилаҳои тарбиятгар | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Тайёр намудани хонаи махсус барои шинондани ***кирминаҳо*** ба шони модарӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Муайян намудани миқдори ***модархонаҳо*** дар оилаи тарбиятгар | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Соқит намудани модархонаҳои (маточник) корношоям | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Пӯшонидани муваққатии курпача ба болои шонҳои оилаи тарбиятгар | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.5. Бардоштани чорчӯбаи модархонадор. | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Тақсим намудани модарзанбӯрон ба оилаҳои ҷавон ва бемодар | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Ҷойгир кардани оилаҳои хурди бемодар (24 соат пеш аз шинондани модарзанбӯр) | √ | | | | | | | | | | |
| 2.2. Ба ҳисоб гирифтани оилаҳои бемодар | √ | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Тайёр намудани ҷой барои гузоштани қафасчаи модарзанбӯр | √ | | | | | | | | | | |
| 2.4. Тақсим намудани модархонаҳо ба оилаҳои бемодар | √ | | | | | | | | | | |
| Элементи 3: Иҷро намудани корҳо барои ҷуфтшавии модарзанбӯрон | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Назорат намудани қабули модарзанбӯрон дар оилаҳои хурд ва бемодар | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Такроран гузоштани модархона ва ё модарзанбӯри ҷавон ба оилаҳои бемодар | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Санҷидани модарзанбӯрони ҷавон барои ҷуфтшавӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Ба ҳисоб гирифтани модарзанбӯрони бордоргардида | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Модархонаҳо:*** | - модарзанбӯроне, ки дар ҳолати наздик ба баромадан ҳастанд. |
| ***Қафасчаи модарзанбӯр:- ин*** | - симтурҳои махсуси модарнигоҳдоранда аз хавфи ҳуҷуми занбӯрон. |

| | |
|---|---|
| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
| **Истифода бурдани оилаҳои хурди ҷудошуда** | **SI 6123-09-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди истифодаи оилаҳои хурди ҷудогардида бо модарзанбӯрон, фаъолияти кори онҳо, тайёр намудани оилаҳои хурд бо модарзанбӯри бордорбуда ва бордоршудаи баҳориро бо назардошти риояи технологияи занбӯриасалпарварӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми истифодаи оилаҳои хурди ҷудогардидаи оилаҳои занбӯри асал. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 6123-01-2/01 Омода намудани кандуҳо барои нигоҳдории оилаҳои занбӯри асал;<br>- SI 6123-02-2/01 Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа;<br>- SI 6123-03-2/01 Иҷро кардани корҳои баҳорӣ дар занбӯрҷой;<br>- SI 6123-04-2/01 Муайян кардани қувватнокии оилаҳои занбӯри асал, гармкунӣ ва хурдсозии лонаҳо. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Омода намудани оилаҳои хурди ҷудогардида бо модарзанбӯрони бордоргардида | 1.1. Ба нақша гирифтани миқдори ***оилаҳои хурд*** ба мавсими зимистон.<br>1.2. Муҳайё кардани шароити гармӣ барои зинда мондани оилаҳои хурд.<br>1.3. Гузоштани ***насли пӯшида*** барои пурқувватшавии онҳо дар |

| | |
|---|---|
| | фасли баҳор.<br>1.4. Истифода намудани оилаҳои хурд ҳамчун оилаи асосӣ барои ҷамъоварии ҳосил. |
| 2. Истифода намудани оилаҳои ҷудошудаи баҳорӣ бо модарзанбӯрони бордорнашуда | 2.1. Ташкил кардани оилаҳои хурди баҳорӣ бо модарзанбӯрони ҷавони нобордоршуда бо дарназардошти ***канаи варроатоз***.<br>2.2. Коркард кардани оилаи ҷавон баъди баромади насли пӯшида.<br>2.3. Пурқувват кардани оилаи хурд баъд аз бордоршавӣ ва тухмгузории модарзанбӯри ҷавон.<br>2.4. Истифода намудани оилаҳои хурд ҳамчун оилаи асосӣ барои ҷамъоварии ҳосил бо қафомонии як моҳ. |
| 3. Тайёр намудани оилаҳои хурд бо модарзанбӯри бордорбуда ва бордоршудаи баҳорӣ | 3.1. Тайёр кардани ҷой барои гузаронидани оилаи хурд аз оилаи асосӣ.<br>3.2. Гузаронидани оилаи хурд бо модарзанбӯри тухмкунанда тибқи ***стандарт***.<br>3.3. Ба фурӯш баровардани миқдори оилаҳои хурди ҷудокардашуда.<br>3.4. Якҷоя кардани оилаҳои хурди модарзанбӯрони бордоршудаи ҷавон барои ташкили ***оилаҳои пурқуввати асалӣ (медовик)***. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитария истеҳсолӣ;<br>- тайёр намудани оилаҳои хурд ба мавсими зимистон;<br>- иҷро намудани корҳои зарурӣ барои зинда мондани оилаҳои хурд;<br>- гузоштани насли пӯшида барои пурқувватшавии онҳо дар фасли баҳор;<br>- истифода намудани оилаҳои хурд ҳамчун оилаи асосӣ барои ҷамъоварии ҳосил;<br>- ташкил кардани оилаҳои хурди баҳорӣ бо модарзанбӯрони ҷавони нобордоршуда бо дарназардошти канаи варроатоз;<br>- тайёр намудани оилаи ҷавон баъди баромади насли пӯшида;<br>- пурқувват кардани оилаи хурд баъд аз бордоршавӣ ва тухмгузории модарзанбӯри ҷавон;<br>- омода намудани ҷой барои гузаронидани оилаи хурд аз оилаи асосӣ;<br>- гузаронидани оилаи хурд бо модарзанбӯри тухмкунанда тибқи стандарт;<br>- истифода намудани либосҳои ҳимоявӣ;<br>- расонидани ёрии аввалия. |
| Донишҳои талабшаванда: | - талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитария истеҳсолӣ;<br>- усулҳои банақшагирии миқдори оилаҳои хурд ба мавсими зимистон;<br>- тартиби муҳайё кардани шароити гармӣ барои зинда мондани оилаҳои хурд;<br>- усулҳои гузоштани насли пӯшида барои пурқувватшавии онҳо дар фасли баҳор;<br>- роҳҳои истифодаи оилаҳои хурд ҳамчун оилаи асосӣ барои |

| | |
|---|---|
| | чамъоварии ҳосил;<br>- қоидаҳои ташкил кардани оилаҳои хурди баҳорӣ бо модарзанбӯрони ҷавони нобордоршуда бо дарназардошти канаи варроатоз;<br>- тартиби коркарди оилаи ҷавон баъди баромади насли пӯшида;<br>- роҳҳои пурқувват кардани оилаи хурд баъд аз бордоршавӣ ва тухмгузории модарзанбӯри ҷавон;<br>- усулҳои тайёр кардани ҷой барои гузаронидани оилаи хурд аз оилаи асосӣ;<br>- тартиби гузаронидани оилаи хурд бо модарзанбӯри тухмкунанда тибқи стандарт;<br>- қоидаҳои баҳамории оилаҳои хурди модарзанбӯрони бордоршудаи ҷавон барои ташкили оилаҳои пурқуввати асалӣ (медовик). |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- меҳрубон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Омода намудани оилаҳои хурди ҷудогардида бо модарзанбӯрони бордоргардида | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Ба нақша гирифтани миқдори ***оилаҳои хурд*** ба мавсими зимистон | √ | | | | | | | | | | |
| 1.2. Муҳайё кардани шароити гармӣ барои зинда мондани оилаҳои хурд | √ | | | | | | | | | | |
| 1.3. Гузоштани ***насли пӯшида*** барои пурқувватшавии онҳо дар фасли баҳор | √ | | | | | | | | | | |
| 1.4. Истифода намудани оилаҳои хурд ҳамчун оилаи асосӣ барои ҷамъоварии ҳосил | √ | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 2: Истифода намудани оилаҳои ҷудошудаи баҳорӣ бо модарзанбӯрони бордорнашуда | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Ташкил кардани оилаҳои хурди баҳорӣ бо модарзанбӯрони ҷавони нобордоршуда бо дарназардошти ***канаи варроатоз*** | √ | | | | | | | | | | |
| 2.2. Коркард кардани оилаи ҷавон баъди баромади насли пӯшида | √ | | | | | | | | | | |
| 2.3. Пурқувват кардани оилаи хурд баъд аз бордоршавӣ ва тухмгузории модарзанбӯри ҷавон | √ | | | | | | | | | | |
| 2.4. Истифода намудани оилаҳои хурд ҳамчун оилаи асосӣ барои ҷамъоварии ҳосил бо қафомонии як моҳ | √ | | | | | | | | | | |
| Элементи 3: Тайёр намудани оилаҳои хурд бо модарзанбӯри бордорбуда ва бордоршудаи баҳорӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Тайёр кардани ҷой барои гузаронидани оилаи хурд аз оилаи асосӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.2. Гузаронидани оилаи хурд бо модарзанбӯри тухмкунанда тибқи ***стандарт*** | √ | | | | | | | | | | |
| 3.3. Ба фурӯш баровардани миқдори оилаҳои хурди ҷудокардашуда | √ | | | | | | | | | | |
| 3.4. Якҷоя кардани оилаҳои хурди модарзанбӯрони бордоршудаи ҷавон барои ташкили ***оилаҳои пурқуввати асалӣ (медовик)*** | √ | | | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Оилаҳои хурд:*** | - оилаҳое мебошанд, ки ҳамагӣ то 4 шон занбӯр доранд. |
| ***Насли пӯшида:*** | - насле, ки дар шони занбӯр болои он бо пардаи мумӣ пӯшонида шудааст ва наздик ба баромад аст. |
| ***Канаи варроатоз:*** | - канаи зараррасон, ки хоси занбур буда, хӯроки он танҳо гемолимфи (хун) занбӯрон аст. |
| ***Стандарти оилаи хурд:*** | - мувофиқи стандарт оилаи хурд 1,2 кг занбӯр, 1,5 кг хӯрока, як шон гардғизо. Дар маҷмуъ 4 шонро дар бар мегирад. |
| ***Оилаҳои пурқуввати асалӣ (медовик):*** | - оилаҳое, ки қувватнокиашон аз 15 шон занбӯр зиёд мебошад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Истифода бурдани занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳои кишоварзӣ** | **SI 6123-10-2/01** |

| |
|---|
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди истифодаи оилаҳои занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳо, назорати фенологии гулшукуфоӣ, истифодаи манбаи шаҳдҷудокунӣ ва ҷамъоварии ҳосилро барои дарёфти манбаи асосии хӯрока тавсиф менамояд. |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми гарди гулкунии растаниҳо. |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 6123-01-2/01 Омода намудани кандуҳо барои нигоҳдории оилаҳои занбӯри асал<br>- SI 6123-03-2/01 Иҷро кардани корҳои баҳорӣ дар занбӯрҷой;<br>- SI 6123-04-2/01 Муайян кардани қувватнокии оилаҳои занбӯри асал, гармкунӣ ва хурдсозии лонаҳо;<br>- SI 6123-09-2/01 Истифода бурдани оилаҳои хурди ҷудошуда. |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Истифода бурдани занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳо | 1.1. Муайян намудани ***минтақаҳои дорои растаниҳои гулкунанда.***<br>1.2. Тайёр намудани оилаҳои занбӯри асал (дресировка) барои гарди гулкунии растаниҳо.<br>1.3. Кӯчонидани оилаҳо бо мақсади гарди гулкунии растаниҳо.<br>1.4. Гузаронидани корҳои агротехникӣ вобаста ба ***омилҳои табиӣ.***<br>1.5. Гузоштани тарозӯи назоратӣ дар зери канду.<br>1.6. Қайд намудани назорати ҳаррӯза дар ***дафтар (журнал)***.<br>1.7. Муайян намудани натиҷаи гарди гулкунии растаниҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳосил. |
| 2. Назорати фенологии гулшукуфоии растаниҳои асалдеҳ | 2.1. Гузаронидани санҷиши оилаҳо барои таҳқиқ намудани дастрасии шаҳд.<br>2.2. Ба ҳисоб гирифтани гарди гули овардашуда аз оилаҳои интихобӣ бо фуруди занбӯрон.<br>2.3. Баркашидани шаҳди овардашуда, ҳар бегоҳ дар як вақти муқарраршуда.<br>2.4. Сабт намудани кори якрӯзаи як оила дар дафтар (журнал). |
| 3. Истифода бурдани манбаи шаҳдҷудокунии растаниҳои кишоварзӣ | 3.1. Гузаронидани корҳои агротехникӣ дар робита ба гурӯҳи растаниҳои шаҳддиҳанда.<br>3.2. Таҳқиқ намудани вақти гулкунии растаниҳои баҳорӣ, тобистонӣ ва тирамоҳӣ барои кӯчонидан.<br>3.3. Наздик ҷойгир намудани оилаҳои занбӯр ба растаниҳои асалдеҳ.<br>3.4. Истифода намудани тухмиҳо ва растаниҳои шаҳддиҳанда.<br>3.5. Истифода намудани растаниҳои табиӣ барои ҷамъоварии маҳсулот.<br>3.6. Бастани шартнома бо заминдорону боғдорон ҷиҳати кӯчонидани оилаҳои занбӯри асал барои гарди гулкунии растаниҳо. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист; |

| | |
|---|---|
| | - омӯхтани минтақаҳои дорои растаниҳои гулкунанда то радиуси 2 км. ё худ 1250 га замин;<br>- риоя намудани қоидаҳо ҳангоми кӯчонидани оилаҳо бо мақсади гарди гулкунии растаниҳо;<br>- иҷро намудани корҳои агротехникӣ вобаста ба омилҳои табиӣ;<br>- истифода намудани тарозӯи назоратӣ;<br>- қайд намудани дафтарчаи боғча (журнал);<br>- омӯхтани гулшукуфоии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа дар давоми се мавсими сол бо ёрии микропипетка;<br>- дарёфти хулосаи ҷамъи ҳосили растаниҳои шаҳддиҳанда аз ҳисоби рақамҳои ҳосилшудаи микропипетка дар давоми се сол;<br>- гузаронидани санҷиши се оила барои таҳқиқ намудани дастрасии шаҳд бо роҳи шумори занбӯр дар 1-3 дақиқа;<br>- ба ҳисоб гирифтани гарди гули овардашуда аз се оилаҳои интихобӣ бо фуруди занбӯрон дар як дақиқа;<br>- ба ҳисоб гирифтани вазъи экологии минтақа;<br>- интихоб намудани ҷой барои боғчаи занбӯрон;<br>- ба ҳисоб гирифтани шумори занбӯрони боғча;<br>- ба назар гирифтани сарфи хӯрока ба ҳар оилаи занбӯр 100 кг/сол;<br>- санҷидани ҳаррӯзаи омади шаҳд бо нишондоди тарозӯи назоратӣ;<br>- гузоштани мумварақ барои афзоиши насл ва захираи асал;<br>- ҳамкорӣ намудан бо заминдорону боғдорон барои кӯчонидани оилаҳои занбӯри асал. |
| Донишҳои талабшаванда: | - талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист;<br>- минтақаҳои дорои растаниҳои гулкунанда;<br>- намудҳои гуногуни растаниҳои асал, биология, морфология ва фенологияи онҳо;<br>- қоидаҳои тайёр намудани оилаҳои занбӯри асал (дресировка) барои гарди гулкунии растаниҳо;<br>- тартиби муайян кардани растаниҳои асал дар саҳро ва ҳам дар асоси хусусиятҳо ва тавсифи онҳо;<br>- корҳои агротехникӣ ва тартиби гузаронидани онҳо вобаста ба омилҳои табиӣ;<br>- усулҳо ва тарзи мушоҳидаи фенологӣ, аз ҷумла муайянкунии оғози гулкунӣ, давомнокӣ ва шиддатнокии он;<br>- роҳҳои гарди гулкунии растаниҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳосил;<br>- қоидаҳои гузаронидани санҷиши оилаҳо барои таҳқиқ намудани дастрасии шаҳд;<br>- таъсири шароити иқлимӣ ва муҳити зист ба шаҳдҷудокунии растаниҳо, аз қабили ҳарорат, рӯшноӣ, намӣ ва мавҷудияти гарди гулкунанда;<br>- тартиби баркаш кардани шаҳди овардашуда;<br>- тартиби таҳқиқ намудани вақти гулкунии растаниҳои баҳорӣ, тобистонӣ ва тирамоҳӣ барои кӯчонидан;<br>- принсипҳои истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ дар раванди назорати фенологӣ;<br>- тартиби банақшагирӣ ва ташкили вақт барои мушоҳидаҳои |

| | |
|---|---|
| | мунтазами гулкунии растаниҳо дар мавсим.<br>- тартиби бастани шартнома бо заминдорону боғдорон. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- самимият;<br>- ташкилотчӣ;<br>- ташаббускор;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Истифода бурдани занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян намудани ***минтақаҳои дорои растаниҳои гулкунанда*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Тайёр намудани оилаҳои занбӯри асал (дресировка) барои гарди гулкунии растаниҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Кӯчонидани оилаҳо бо мақсади гарди гулкунии растаниҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Гузаронидани корҳои агротехникӣ вобаста ба омилҳои табиӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.5. Гузоштани тарозӯи назоратӣ дар зери канду | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.6. Қайд намудани назорати ҳаррӯза дар ***дафтар (журнал)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.7. Муайян намудани натиҷаи гарди гулкунии растаниҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳосил | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 2: Назорати фенологии гулшукуфоии растаниҳои асалдеҳ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузаронидани санҷиши оилаҳо барои таҳқиқ намудани дастрасии шаҳд | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Ба ҳисоб гирифтани гарди гули овардашуда аз оилаҳои интихобӣ бо фуруди занбӯрон | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Баркашидани шаҳди овардашуда, ҳар бегоҳ дар як вақти муқарраршуда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Сабт намудани кори якрӯзаи як оила дар дафтар (журнал) | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 3: Истифода бурдани манбаи шаҳдҷудокунии растаниҳои кишоварзӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Гузаронидани корҳои агротехникӣ дар робита ба гурӯҳи растаниҳои шаҳддиҳанда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Таҳқиқ намудани вақти гулкунии растаниҳои баҳорӣ, тобистонӣ ва тирамоҳӣ барои кӯчонидан | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Наздик ҷойгир намудани оилаҳои занбӯр ба растаниҳои асалдеҳ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Истифода намудани тухмиҳо ва растаниҳои шаҳддиҳанда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.5. Истифода намудани растаниҳои табиӣ барои ҷамъоварии маҳсулот | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.6. Бастани шартнома бо заминдорону боғдорон ҷиҳати кӯчонидани оилаҳои занбӯри асал барои гарди гулкунии растаниҳо | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Минтақаҳои дорои растаниҳои гулкунанда:*** | - то радиуси 2 км. ё худ 1250 га замин - фоиданокии миёнаи парвози занбӯр дар масофаи 1250 га замин бо дарназардошти шароити миёна. |
| ***Омилҳои табиӣ*** дохил мешаванд: | - ҳарорат, намнокӣ, боронӣ, хушкӣ, шамол, хокбориш, вақти рӯз, рушноии офтоб, мавқеи ҷойгиршавӣ аз сатҳи баҳр, истифодаи агротехникаи хоҷагӣ ва ғайра. |
| ***Дафтар (журнал)*** - ин: | - дафтаре, ки фаъолияти ҳаррӯзаи кори занбӯр дар он қайд карда мешавад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Муайян намудани касалиҳои занбӯри асал ва усулҳои мубориза бо онҳо** | **SI 6123-11-2/01** |

Воҳиди салоҳияти мазкур раванди муайян намудани касалиҳои инфексионӣ, инвазионӣ, ғайрисироятӣ ва усулҳои мубориза бо назардошти риояи бехатарӣ аз истифодаи доруҳои зараровар тавсиф менамояд.

Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:
- ҳангоми мубориза бо касалиҳо.

Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):
- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;
- SI 6123-01-2/01 Омода намудани кандуҳо барои нигоҳдории оилаҳои занбӯри асал;
- SI 6123-04-2/01 Муайян кардани қувватнокии оилаҳои занбӯри асал, гармкунӣ ва хурдсозии лонаҳо;
- SI 6123-10-2/01 Истифода бурдани занбӯри асал дар гарди гулкунии растаниҳои кишоварзӣ.

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Муайян намудани ***касалиҳои инфексионии*** оилаҳои занбӯри асал | 1.1. Муайян намудани инфексияи дохилшуда дар оила.<br>1.2. Муайян намудани ҳолати дохилшавии микроб (вирус) дар оила.<br>1.3. Муайян намудани нишонаҳои инфексия ва давомнокии беморӣ (инкубатсия).<br>1.4. Санҷидани зиндамонии намуди инфексия бо назардошти ***иммунии бадани занбӯр***. |
| 2. Муайян намудани касалиҳои инвазионӣ | 2.1. Муайян намудани намуди касалии инвазионӣ.<br>2.2. Пешниҳод кардани занбӯрҳои мурда ва шони наслзарардида барои ташхис ба озмоишгоҳ.<br>2.3. Кам кардани канаи варроатоз бо усули зоотехникӣ ва кимиёӣ. |
| 3. Муайян намудани ***касалиҳои ғайрисироятӣ*** | 3.1. Ошкор намудани сабабҳои пайдоиши касалиҳои ғайрисироятӣ дар оилаҳо.<br>3.2. Муайян намудани ***роҳгумзании оилаҳо*** ва пайдоиши касалиҳои ғайрисироятӣ.<br>3.3. Муайян намудани миқдори хӯрока дар оила. |
| 4. Истифода намудани усулҳои мубориза бар зидди касалиҳои оилаҳои занбӯри асал | 4.1. Пешгирӣ намудани роҳҳои паҳншавии инфексия бо гузоштани нишонаҳои манъкунанда (карантин).<br>4.2. Дастрас намудани ***доруҳои зарурӣ*** вобаста ба инфексия ва истифодаи дурусти онҳо.<br>4.3. Иҷро кардани корҳои тозакунӣ ва безараркунии кандуҳо ва чӯбакҳои шонҳо аз касалии дарунрав (нозематоз).<br>4.4. Гузаронидани оилаҳо ба кандуҳои тамйизшуда.<br>4.5. Пешгирӣ намудан аз заҳролудшавии занбӯрон ҳангоми коркарди боғу токзорҳо бо заҳрхимикатҳо.<br>4.6. Таъмин намудани оила бо хӯроки зарурӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат, беҳдошти санитарӣ ва ҳифзи муҳити зист;<br>- риоя намудани меъёрҳо ва дастурҳое, ки саломатии занбӯри асалро танзим мекунанд ва барои назорати бемориҳои сироятӣ;<br>- омӯхтани ҳолати кори оилаҳои занбӯри асал;<br>- гирифтани маълумот оид ба бемориҳои инфексионӣ ва |

| | |
|---|---|
| | инвазионӣ, ки метавонанд ба оилаҳои занбӯри асал таъсир расонанд ва нишонаҳои онҳо;<br>- бартараф намудани ***камбудиҳо*** дар кандуҳои занбӯри асал;<br>- омӯхтани нишонаҳои инфексия ва давомнокии беморӣ;<br>- ҳамкорӣ намудан бо озмоишгоҳ ҷиҳати муайян кардани касалиҳои занбӯри асал ва ташхиси онҳо;<br>- муайян кардани намуди канаҳо дар оилаҳо;<br>- пешниҳод кардани 50 занбӯри мурда ва шони наслзарардида бо андозаи 10 х15 см барои ташхис ба озмоишгоҳ;<br>- муайян намудани роҳҳои кам кардани канаи варроатоз;<br>- ошкор намудани сабабҳои пайдоиши касалиҳои ғайрисироятӣ дар оилаҳо;<br>- муайян намудани сабаби пайдоиши касалиҳои ғайрисироятӣ;<br>- назорат намудани миқдори хӯрока дар оила;<br>- пешгирӣ намудани роҳҳои паҳншавии инфексия бо гузоштани нишонаҳои манъкунанда (карантин);<br>- дастрас намудани доруҳои зиддимикробӣ вобаста ба касалиҳои занбӯри асал;<br>- тоза ва безарар кардани кандуҳо ва чӯбакҳои шонҳо аз касалии дарунрав (нозематоз);<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ ҳангоми тамйиз кардани кандуҳо;<br>- пешгирӣ намудан аз ҳолатҳои заҳролудшавии занбӯрон. |
| Донишҳои талабшаванда: | - талаботи ҳифзи меҳнат, беҳдошти санитарӣ ва ҳифзи муҳити зист;<br>- усулҳои омӯзиши ҳолати кори оилаҳои занбӯри асал;<br>- қоидаҳои муайян намудани инфексияи дохилшуда дар оила;<br>- қоидаҳои муайян кардани ҳолати дохилшавии микроб (вирус) дар оила;<br>- усулҳои тозагӣ ва гигиена дар занбӯри асал барои пешгирии паҳншавии бемориҳо;<br>- усулҳои гуногуни табобати бемориҳои сироятии занбӯри асал, аз ҷумла истифодаи доруҳо ва воситаҳои табиӣ;<br>- биология ва рафтори занбӯри асал, давраи зиндагии онҳо, анатомия ва физиология;<br>- усулҳои гуногуни ташхиси бемориҳои занбӯри асал, аз қабили таҳлили микроскопии намунаҳои ферментатсия ва бадани занбӯри асал, усулҳои бактериологӣ ва молекулавӣ-биологӣ;<br>- тарзи гузаронидани омӯзиши нишонаҳои инфексия ва давомнокии беморӣ (инкубатсия);<br>- қоидаҳои муайян кардани намуди канаҳо дар оилаҳо;<br>- қоидаҳои бо роҳи зоотехникӣ кам кардани канаи варроатоз;<br>- усулҳои ошкор намудани сабабҳои пайдоиши касалиҳои ғайрисироятӣ дар оилаҳо;<br>- сабабҳои роҳгумзании оилаҳо;<br>- тартиби пешгирии роҳҳои паҳншавии инфексия бо гузоштани нишонаҳои манъкунанда (карантин);<br>- дастурамали доруҳои зиддимикробӣ вобаста ба инфексия ва истифодаи дурусти онҳо;<br>- тарзи тоза ва безарар кардани кандуҳо ва чӯбакҳои шонҳо аз |

| | |
|---|---|
| | касалии дарунрав (нозематоз);<br>- тартиби гузаронидани оилаҳо ба кандуҳои тамйизшуда. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- самимият;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян намудани ***касалиҳои инфексионии*** оилаҳои занбӯри асал | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян намудани инфексияи дохилшуда дар оила | √ | | | | | | | | | | |
| 1.2. Муайян намудани ҳолати дохилшавии микроб (вирус) дар оила | √ | | | | | | | | | | |
| 1.3. Муайян намудани нишонаҳои инфексия ва давомнокии беморӣ (инкубатсия) | √ | | | | | | | | | | |
| 1.4. Санҷидани зиндамонии намуди инфексия бо назардошти ***иммунии бадани занбӯр*** | √ | | | | | | | | | | |
| Элементи 2: Муайян намудани касалиҳои инвазионӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Муайян намудани намуди касалии инвазионӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Пешниҳод кардани занбӯрҳои мурда ва шони наслзарардида барои ташхис ба озмоишгоҳ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Кам кардани канаи варроатоз бо усули зоотехникӣ ва кимиёӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 3: Муайян намудани касалиҳои ғайрисироятӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Ошкор намудани сабабҳои пайдоиши ***касалиҳои ғайрисироятӣ*** дар оилаҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Муайян намудани ***роҳгумзании оилаҳо*** ва пайдоиши касалиҳои ғайрисироятӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Муайян намудани миқдори хӯрока дар оила | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 4: Истифода намудани усулҳои мубориза бар зидди касалиҳои оилаҳои занбӯри асал | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Пешгирӣ намудани роҳҳои паҳншавии инфексия бо гузоштани нишонаҳои манъкунанда (карантин) | √ | | √ | | | | | | | | |
| 4.2. Дастрас намудани ***доруҳои зарурӣ*** вобаста ба инфексия ва истифодаи дурусти онҳо | √ | | √ | | | | | | | | |
| 4.3. Иҷро кардани корҳои тозакунӣ ва безараркунии кандуҳо ва чӯбакҳои шонҳо аз касалии дарунрав (нозематоз) | √ | | √ | | | | | | | | |
| 4.4. Гузаронидани оилаҳо ба кандуҳои тамйизшуда | √ | | √ | | | | | | | | |
| 4.5. Пешгирӣ намудан аз заҳролудшавии занбӯрон ҳангоми коркарди боғу токзорҳо бо заҳрхимикатҳо | | √ | | | | | | | | | |
| 4.6. Таъмин намудани оила бо хӯроки зарурӣ | | √ | | | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Касалиҳои инфексионӣ:*** | - ба касалиҳои инфексионии оилаҳои занбӯри асал дохил мешаванд: пӯсиши америкоӣ, пӯсиши аврупоӣ, халташавии насл, аскозфероз, аспергилёз ва ғайраҳо. |
| ***Иммунии бадани занбӯр:*** | - дар ҳашарот хам, аз ҷумла занбӯрон аз насл ба насл иммунитет мегузарад. |
| ***Касалиҳои ғайрисироятӣ*** - ин: | - бемориҳое мебошанд, ки ба оилаҳои дигар гузаранда нестанд ва аз камбудиҳои занбӯрпарвар ба вуҷуд меоянд. |
| ***Роҳгумзании оилаҳо:*** | - бо фосилаи муайян гузоштани қатори кандуҳо;<br>- бо се ранг (кабуд, сафед ва зард) ранг кардани кандуҳо барои нишонагирии занбӯрон. |
| ***Доруҳои зарурӣ:*** | - доруҳои зарурӣ бар зидди канаи варроатоз: бипин, бисанар, акарасан, кислотаи мурча ва ғайра. |

| | |
|---|---|
| ***Исканаи занбӯрпарвар (Каҷкорд)*** - ин: | - асбоби махсус аст, ки барои тоза кардани кандуҳо ва чӯбакҳои шонҳо ва инчунин барои ҷудо кардани шонҳо аз якдигар хизмат мекунад. |
| ***Камбудиҳо*** - инҳо: | - танг кардани сӯрохиҳои занбӯрбаро;<br>- кам кардани шонҳо дар канду;<br>- ба шонҳои асалдор гузаронидани занбӯрон;<br>- гарм нигоҳ доштани оила;<br>- пешгирии ҳолати дӯздигарии байни оилаҳо. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Гузаронидани корҳои тозакунӣ ва борпечкунии маҳсулот** | **SI 6123-12-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди иҷрои корҳои тозакунӣ ва борпечкунии маҳсулоти оилаҳои занбӯри асалро барои гирифтани маҳсулот бо назардошти риояи бехатарӣ ва беҳдошти санитарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми гирифтани маҳсулот, тозакунӣ ва барпечкунӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 6123-01-2/01 Омода намудани кандуҳо барои нигоҳдории оилаҳои занбӯри асал;<br>- SI 6123-02-2/01 Омода намудани асбобу лавозимот ва таҷҳизоти корӣ барои истеҳсоли маҳсулоти соҳа;<br>- SI 6123-03-2/01 Иҷро кардани корҳои баҳорӣ дар занбӯрҷой;<br>- SI 6123-06-2/01 Ҷамъоварӣ намудани асал. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Риоя намудани корҳои беҳдоштӣ (санитарӣ-гигиенӣ) ҳангоми полоиш ва борпечкунӣ | 1.1. Истифода намудани ***воситаҳои беҳдоштӣ*** (санитарӣ-гигиенӣ).<br>1.2. Тоза кардани зарфҳои асалгирӣ.<br>1.3. Ба тартиб даровардани хоначаи сайёр.<br>1.4. Ҷо ба ҷо кардани асбобҳои асалкашӣ ва зарфҳо. |
| 2. Гузаронидани корҳои тозакунии асал | 2.1. Гузоштани ***элакчаҳои*** тамйизшудаи симтурдор ба зарфҳо ҳангоми полоиши асал.<br>2.2. Тоза кардани қисмати болои асал аз ***омехтаи*** мум ва ғайра.<br>2.3. Кашонидани маҳсулот ба анбор. |
| 3. Иҷро намудани корҳои барпечкунии маҳсулот | 3.1. Иҷро намудани корҳои барпечкунии маҳсулот тибқи талабот.<br>3.2. ***Мустаҳкам кардани сарпӯшҳо***.<br>3.3. Пешниҳод намудани маҳсулот барои фурӯш. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат, беҳдошти санитарӣ ва ҳифзи муҳити зист;<br>- пӯшидани либосҳои махсуси занбӯрпарварӣ;<br>- шустан ва хушк кардани зарфҳои асалгирӣ;<br>- ба тартиб даровардани хоначаи сайёр;<br>- истифода намудани асбобҳои асалкашӣ ва зарфҳо;<br>- гузоштани элакчаҳои тамйизшудаи симтурдор ба зарфҳо ҳангоми полоиш;<br>- тоза кардани қисмати болои асал аз тагшинҳо;<br>- гузаронидани корҳои ташвиқотӣ барои фурӯши маҳсулот. |

| | |
|---|---|
| Донишҳои талабшаванда: | - талаботи ҳифзи меҳнат, беҳдошти санитарӣ ва ҳифзи муҳити зист;<br>- воситаҳои беҳдоштӣ ва тартиби истифодабарии онҳо;<br>- тартиби тоза кардани зарфҳои асалгирӣ;<br>- усулҳои ба тартиб даровардани хоначаи сайёр;<br>- тартиби ҷобаҷо кардани асбобҳои асалкашӣ ва зарфҳо;<br>- тартиби гузоштани элакчаҳои тамйизшудаи симтурдор ба зарфҳо ҳангоми полоиш;<br>- қоидаҳои иҷрои корҳои барпечкунии маҳсулот тибқи талабот;<br>- асосҳои маркетинг. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- самимият;<br>- бовиҷдон;<br>- зирак;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Риоя намудани корҳои беҳдоштӣ (санитарӣ-гигиенӣ) ҳангоми полоиш ва борпечкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Истифода намудани ***воситаҳои беҳдоштӣ*** (санитарӣ-гигиенӣ) | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Тоза кардани зарфҳои асалгирӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Ба тартиб даровардани хоначаи сайёр | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Ҷо ба ҷо кардани асбобҳои асалкашӣ ва зарфҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Гузаронидани корҳои тозакунии асал | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1. Гузоштани ***элакчаҳои*** тамйизшудаи симтурдор ба зарфҳо ҳангоми полоиши асал | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Тоза кардани қисмати болои асал аз ***омехтаи*** мум ва ғайра | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Кашонидани маҳсулот ба анбор | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 3: Иҷро намудани корҳои барпечкунии маҳсулот | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Иҷро намудани корҳои барпечкунии маҳсулот тибқи талабот | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. ***Мустаҳкам кардани сарпӯшҳо*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Пешниҳод намудани маҳсулот барои фурӯш | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Воситаҳои беҳдоштӣ:*** | - либосҳои махсуси занбӯрпарвар;<br>- хилъати сафед;<br>- собун;<br>- сачоқ;<br>- дастшӯякҳо ва ғайра. |
| ***Элакчаҳо:*** | - элакчаҳои полоиш ду дона: калончашмак ва хурдчашмак мешаванд ва болои зарф гузошта мешаванд. |
| ***Омехтаҳо:*** | - мум, порамумҳо, пой ва пари занбӯр. Ин омехтаҳо баъд аз 3-4 рӯз аз болои асал гирифта мешаванд. |
| ***Мустаҳкам кардани сарпӯшҳо:*** | - сарпӯши зарфи асалдошта ҳатман бо сарпӯши резиндор маҳкам карда мешавад, чунки асал хосияти буйҳои гуногуни берунаро ба худ ҷаббидан дорад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Супоридани маҳсулот ба озмоишгоҳ барои сертификаткунонӣ** | **SI 6123-13-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди тартиби сертификаткунонӣ ва стандартизатсия кардани маҳсулотро барои ба фурӯш баровардан бо риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии соҳа тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми сертификаткунонии маҳсулот. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 02-2/01 Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ;<br>- SI 6123-06-2/01 Иҷро кардани корҳои асалкашӣ;<br>- SI 6123-12-2/01 Гузаронидани корҳои тозакунӣ ва барпечкунии маҳсулот. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Супоридани маҳсулот ба озмоишгоҳ | 1.1. Риоя намудани талаботҳои техникии маҳсулоти супоридашаванда.<br>1.2. Гузаронидани санҷиши пешакии маҳсулоти |

| | |
|---|---|
| | супоридашаванда.<br>1.3. Банду баст кардани маҳсулоти занбури асал.<br>1.4. Иҷро намудани корҳои тағмазанӣ ва нигоҳдории маҳсулоти занбури асал. |
